«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рудакӣ,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
_____ Раҳмон Д. С.
«_25_» _____08_____ соли 2022

ХУЛОСАИ

кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

Диссертатсияи унвонҷӯ Суфиев Садриддин Насридинович дар мавзуи «Ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри XX - ибтидои асри XXI)» дар кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро шудааст.

Суфиев Садриддин Насридинович соли 2007 Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакиро бо ихтисоси «таърих ва ҳуқуқ» хатм кардааст. Ӯ аз солҳои 2007-2018 ҳамчун ассистенти кафедраи таърихи хаки тоҷик ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи даватии Кӯлоб ба номи А.Рудакӣ, аз соли 2019 то инҷониб ба сифати саромӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият менамояд.

Роҳбарии илмии диссертант Олимов Музаффар Абдулвақосович, доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи минтақашиносии хориҷии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи Суфиев С.Н. дар ҷаласаи васеи кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия

шудааст. Дар раванди муҳокимаи диссертатсия иштирок намуданд: д.и.т., профессор Абдуллоев М.Х., д.и.т., профессор Олимов М.А., н.и.т., дотсент Боқиев Р.У., н.и.с. дотсент Муродова Г., доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси таърих Холмуродова М.Б., н.и.сиёсӣ Ҳусайнзода А., муаллимони калон Сафаров Х., Комилов Н., Исуфов Ш., ассистентон Бойматов У., Каримова З., Меҳрангези Ю., Исмоилов З.И., Бадалов И., Собиров С., Шамсияи Т. ва Фаризаи Д.

Кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ диссертатсияи унвонҷӯ Суфиев Садриддин Насридиновичро муҳокима ва баррасӣ намуда, хулосаҳои зеринро пешниҳод менамояд:

Диссертатсия ба омӯзиши яке аз масъалаҳои муҳимтарини ҳамкорҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ нигаронида шудааст. Маълум мегардад, ки дар раванди ин ҳамкориҳо имкониятҳои бузурги истифоданашуда вуҷуд доранд ва истифодаи самараноки онҳо метавонад ба ташаккули сатҳи нави ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ мусоидат намояд.

Муҳиммияти омӯзиши мавзуъ. Омӯзиши ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон дар ҷанбаҳои зерин ифода меёбад:

1) истифодаи имкониятҳои технологии Ҳиндустон дар рушди бахши технологияи иттилоотӣ ва барномасозии Тоҷикистон;

2) мустаҳкам кардани ҳамкориҳо дар самти маориф ва илм ба хотири мубодилаи донишҷӯён, коромӯзон ва унвонҷӯён, ташкили таҷрибаомӯзиҳои забонӣ миёни муҳассилини кишварҳо ва татбиқи барномаҳои ҳунарӣ ва фарҳангӣ. Омӯзиши афзоиши имкониятҳои таҳвияти ҳамкории кишварҳо дар ин бахш;

3) истифодаи майдони минтақавии ҳамкорӣ (дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай - минбаъд СҲШ) ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳои фарҳангӣ, илмӣ ва адабӣ;

4) умқи ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангӣ бо мақсади омӯзиши ганҷинаҳои Ҳиндустон, возеҳ кардани паҳлуҳои норавшани таърихи халқи тоҷик, доираи адабии тоҷикон дар Ҳиндустон ва ба роҳ мондани таҳқиқоти илмии васеъ дар ин самт;

5) зарурати рушди ҳамкориҳо бо Ҷумҳурии Исломии Покистон бо истифода аз қолабҳои дуҷониба, минтақавӣ (Созмони ҳамкории иқтисодӣ – минбаъд СҲИ), СҲШ, фарҳангӣ-тамаддунӣ - Созмони Ҳамкории Исломӣ (минбаъд СҲИ) ва байналхалқӣ;

6) тақвияти ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон ба мақсади рушди мубодила дар самти маориф ва пешгирии ҷараёнҳои иртиҷоӣ-ифротӣ.

Навоварии илмии таҳқиқот. Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон дар соҳаи илм, адабиёт ва фарҳанг инъикоси равшан ёфтааст. Ба маънои васеъ, навгонии мазкур дар аввалин таҳқиқоти маҷмуии ҳамкориҳои илмӣ, адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон дар замони муосир ифода гаштааст. Зеро маҳз истиқлолият заминаи роҳандозии ҳамкориҳои мутақобилаи Тоҷикистонро бо давлатҳои дигари ҷомеаи ҷаҳонӣ дар заминаи усули баробарӣ ва дахолат накардан ба корҳои дохилии ҷомеа фароҳам овардааст.

Инчунин, навгониҳои диссертатсия дар ҷанбаҳои зерин ифода меёбанд:

•таърихи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон мавриди омӯзиш қарор дода шуд;

•ташаккули ҳамкориҳои фарҳангии Тоҷикистон бо Ҳиндустон дар охири асри XX (1991-1999) баррасӣ гашт;

•истиқрор ва инкишофи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Покистон дар охири асри XX таҳлил карда шуд;

•рушди ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон мавриди таҳқиқ қарор гирифт;

•таҳаввули ҳамкориҳои илмӣ-фарҳангии Тоҷикистону Покистон баҳо дода шуд;

•рушди ҳамкориҳои илмӣ-адабии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон дар оғози асри XXI таҳлил гардид;

•рушди ҳамкориҳои илмӣ-адабии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Покистон ва дурнамои он мавриди арзёбӣ қарор гирифт;

•мушкилиҳо дар ҳамкориҳои ҷонибҳо муайян гардида, пешниҳодҳо ҷиҳати рушди афзалиятноки ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангӣ ироа шуданд.

Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бо имконияти истифодаи натиҷаҳои он дар соҳаи илм ва фарҳанг, инчунин, дар раванди таълими курсҳои «Омили фарҳангӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳамкориҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ» ва инчунин, курсҳои махсус оид ба марҳилаҳои ташаккули ҳамкориҳои фарҳангӣ ва илмӣ дар мактабҳои олии кишвар вобаста аст. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми навиштани рисолаҳо бахшида ба ҳаёти фарҳангии халқҳои Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ, маводи таълимӣ, методӣ, курси лексияҳо оид ба таърихи ватанӣ ва муносибатҳои байналхалқӣ истифода шаванд.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илман асоснокшуда ва умуман, маводи диссертатсия дар раванди таълими фанни таърихи халқи тоҷик, таърихи дипломатияи тоҷик метавонад васеъ истифода шавад. Ичунин, натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми тартиб додани нақшаҳои

инкишофи ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои Осиёи Ҷанубӣ дар самти таҳким ва умқи ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангӣ мавриди истифода қарор дода шаванд.

Ҳамин тавр, мазмуну мундариҷаи диссертатсия ба талаботи муқарраргардида ҷавобгӯ буда, таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор меравад. Автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқотро пурра ифода менамояд.

Мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар шакли мақолаҳои илмӣ дар нашрия ва маҷаллаҳои илмии шомили рӯйхати маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расида, моҳият, мундарича ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос менамоянд.

Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:

[1 - М] Суфиев, С. Маданият ва сохтори сиёсии Ҳиндустони Қадим [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба номи С. Айнӣ. – 2018, № 1 (73). – С. 253-257.

[2 - М] Суфиев, С. Вазъи сиёсиву адабии Ҳиндустон дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ ба номи С. Айнӣ. – 2018, № 3 (75). – С. 270-272.

[3 - М] Суфиев, С. Робитаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон дар даврони истиқлолият [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019, №1. – С. 132-136.

[4 - М] Суфиев, С. Ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Покистон дар даврони истиқлолият [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019, №10. – С. 92-97.

[5 - М] Суфиев С. Аҳамияти Осиёи Марказӣ барои иқтисод ва сиёсати хориҷии Покистон [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ – 2020, №2 (2). – С. 258-260.

[6 - М] Суфиев С. Ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва Ҳиндустон дар даврони истиқлолият [Матн] / С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020, №4. – С. 123-129.

[7 - М] Суфиев С. Густариши робитаҳои илмӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҳиндустон ва Покистон дар замони истиқлолият [Матн] / М.А. Олимов, С. Суфиев // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ. – 2022, №1(26). – С. 189-198.

Дар маҷмуъ, мазмуну мундариҷаи таҳқиқот, маводи дар диссертатсия истифодашуда, ҷанбаҳои назариявию методологии диссертатсия ба ихтисоси 6D.КОА-024 - Муносибатҳои байналмилалӣ ва 07.00.15 – Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ мувофиқат менамояд. Диссертатсия аз рӯи натиҷаи назариявӣ ва хулосаҳои илмӣ, тавсияҳои амалӣ ва сатҳу сифати таҳияи худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

Аз натиҷаҳои муҳокима, чунин

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРДА ШУД:

1. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ Суфиев С.Н. дар мавзуи «Ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри XX - ибтидои асри XXI)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз руйи ихтисоси 07.00.15-Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Комиссияи олии

аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ арзёбӣ мегардад.

2. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.15-Таърихи муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати хориҷӣ (илмҳои таърих) барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-024-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилии факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (Протоколи № 11 аз 30 июни соли 2022) қабул гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа, мудири кафедраи ҳуқуқ
ва муносибатҳои байналмилалии
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
А. Рӯдакӣ, н.и.с., дотсент Муродова Г.Р.

Котиби илмӣ, саромӯзгор: Комилов Н.И.

«Имзоҳои н.и.с., дотсент Муродова Гулчеҳра Рузибоевна
ва Комилов Насим Иброҳимовичро тасдиқ мекунам»

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф.А.

735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16.
Тел.:(+992 3322) 2-35-06
E-mail:info@kgu.tj